**Фаъолияти Муассиса дар семоҳаи аввали соли 2020**

Дар давраи ҳисоботӣ Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро бахри татбиқи вазифаҳои вогузоршуда дар самти ҳифзи манфиатҳои давлатӣ дар соҳаи моликияти саноатӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти ихтироъкорӣ, ҷамъоварии захираҳои иттилоотӣ ва дигар вазифаҳои оинномавӣ равона намуд.

Дар семоҳаи аввали соли 2020 ба Муассиса 1 адад ариза барои гирифтани патенти авруосиёгӣ ва 34 адад аризаҳо барои гирифтани нахустпатент ворид гардида, мутаносибан ба соҳаҳои тиб, металлургӣ, кишоварзӣ, сохтмон, мошинсозӣ, бойторӣ тааллуқ доранд.

Шумораи патентҳои авруосиёгӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон то ин давра эътибор доранд, 6489 ададро ташкил медиҳанд.

Дар давраи ҳисоботӣ, тибқи бақайдгирии байналмилалии низоми Гаага бо нишондоди Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ариза ба намунаи саноатӣ пешниҳод гардида, 4 аризаи дигар дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзпазир гардидаанд. Дар маҷмуъ аз давраи ҳамроҳшавӣ ба низоми Гаага, 812 арзнома бо нишондоди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, ки аз ин миқдор 750 адади он ба қайд гирифта шудааст.

Барои ба қайд гирифтани тамғаҳои молӣ ба Муассиса 122 ариза ворид шудааст, ки аз онҳо 54 ариза ба арзномадеҳони миллӣ ва 68 ариза ба арзномадеҳони хориҷӣ тааллуқ дорад.

Бо расмиёти бақайдгирии байналмилалии тамғаҳои молӣ (Низоми Мадрид) ба Муассиса 1073 ариза ворид шудааст. Аз санҷиши нишони арзшуда 812 ариза гузаштааст, ки 516 ариза пурра ба қайд гирифта шуда, 77 ариза бо дискламатсия (бе ҳифзи мустақили ҳуқуқӣ ба унсурҳои алоҳида), 37 ариза қисман ба қайд гирифта шудаанд ва 182 ариза пурра рад шудаанд.

Дар моҳҳои январ-марти соли ҷорӣ 113 рисолаҳои номзадӣ, 16 рисолаи докторӣ ва 7 рисолаи доктори Phd ба қайди давлатӣ гирифта шуданд.

Дар ин давра қабули ҳисоботҳои баанҷомрасидаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ конструкторӣ 17 ададро ташкил дода, 14 корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ конструкторӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуд. Ҳамзамон 257 корҳои ҷустуҷӯи мавзуӣ-иттилоотӣ гузаронида шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ 41 шакли пуркардаи ҳисобот дар бораи «Номгӯи нишондиҳандаҳои ҳолати иқтидори илмию техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019», 100 варақаи шахсии кадрҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 150 варақаҳои натиҷаҳои фаъолияти илмӣ техникӣ, ҷамъоварӣ карда шуд.